аз 14.01.2022. №603/4.1.2 "д"

«Доир ба тартиби хисоб
ва пардохти андозхобарои
истифодабарандагони
захирахои табии»

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо барои захираҳои табиӣ (бонусҳо ва роялти барои истихроҷ) тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

Тибқи муқаррароти моддаи 301 Кодекси андоз минбаъд истифодабарандагони (истихроҷкунандагони) канданиҳои фоиданоки маъмул ва канданиҳои фоиданок (ба истиснои субъектҳое, ки дар соҳаи истихроҷи ангишт, нафт, консентрати газ ва гази табиӣ фаъолият менамоянд) - сӣ фоизи маблағи муқарраршудаи бонуси обунавӣ дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи гирифтани иҷозатнома (иҷозат) оид ба ҳуқуқи истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ ва ҳафтод фоизи маблағи боқимондаи муқарраршудаи бонуси обунавӣ аз санаи оғоз намудани корҳои истихроҷи маъданҳои фоиданок дар давоми 1 (як) сол аз рӯи ҳиссаҳои баробар барои ҳар моҳи давраи ҳисоботӣ пардохт карда мешавад. Дар ҳолатҳои алоҳида барои конҳои ҷудогонаи канданиҳои фоиданок Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ҳиссаҳои баробарро барои ҳар моҳи давраи ҳисоботӣ дар давоми 2 (ду) сол муқаррар намояд.

Нисбати корхонаҳои соҳаи истихроҷи ангишт, нафт, консентрати газ ва гази табиӣ бонуси обунавӣ бо назардошти ҳаҷми захираҳои дар кон мавҷудбуда вобаста ба маблағи ҳисобшуда аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо ҳиссаҳои баробар барои аз 2 то 20 сол муқаррар карда мешавад.

Ҳамзамон, истифодабарандагони сарватҳои зеризаминие, ки иҷозатнома барои гузаронидани корҳои омӯзишӣ - геологиро дастрас менамоянд, агар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад - панҷоҳ фоизи маблағи муқарраршуда дар

давоми 30 рӯзи тақвимӣ ва панҷоҳ фоизи муқарраршудаи боқимонда на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи эътибор пайдо кардани шартнома (қарордод) дар бораи омӯзиши геологӣ, пардохт карда мешавад.

Илова бар ин, минбаъд истифодабарандагони захираҳои табиӣ ҳангоми истихроҷ намудани канданиҳои фоиданоки маъмулӣ, обҳои зеризаминӣ ва канданиҳои фоиданоки маъданӣ меъёрҳои роялти барои истирочро тибқи талаботи қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 310 Кодекси андоз бо меъёрҳои устувор ва ё аз рӯи фоизҳои алоҳидаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ҳисоб ва пардохт менамоянд.

Тибқи муқаррароти Кодекси андози нав дар қисмати ҳисоб ва пардохти андозҳо барои захираҳои табиӣ ба номгӯи андози мазкур рентаи содиротӣ пешбинӣ карда шудааст, ки муқаррароти мазкур аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор дода мешавад.

Дар зами ин, ба соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ мутобиқи иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия дар минтақаҳои қаъри замини захираҳояшон ҳисобнашуда иҷозат дода шудааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, тибқи талаботи банди 20 замимаи 1 ва банди 10 замимаи 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2011, №426 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муайян намудани меъёрҳои бонуси обунавӣ, меъёрҳои бонуси кашфи тиҷоратӣ, бастани қарордодҳои истифодаи қаъри замин ва тартиби гузаронидани экспертизаи ҳатмии андози қарордодҳои истифодаи қаъри замин» ҳангоми ворид гардидани тағйирот дар қонунгузорӣ, ки боиси ба шарту талаботҳои дар шартномаҳои (қарордодҳои) қаблан ба имзо расонидашуда таъсир расонад. Бояд тамоми шартномаҳои қаблан ба имзо расонидашуда аз нав ба расмият даровардa шуда, ба қонунгузории нави амалкунанда мутобиқ карда шаванд.

Тибқи талаботи қарори мазкур, тағйирот ё тасҳеҳоти шартҳои дар қарордод (шартнома) дар муддати на дертар аз шаст рӯз аз лаҳзаи огоҳонии хаттии Кумитаи андоз ё истифодабарандаи қаъри замин ворид карда мешаванд. Дар айни ҳол тасҳеҳоте, ки ба қарордод ворид карда мешаванд, бояд тибқи тартиби муқарраргардидаи маъмул мавриди экспертизаи андоз қарор дода шаванд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти қонунгузории андоз дар соҳаи истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ оиди аз ҷониби истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ аз нав бастани шартнома барои истифодабарии захираҳои табиӣ чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда то 31.03.2022, ҳар моҳа ба Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намоянд.

Раис Н.Давлатзода